*ТДУ 33Т*

# НАЗАРИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ВА ХУСУСИЯТИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

***Холматова Дилоромҷон Алиевна,*** *муаллими кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ТЕОРИЯ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ И ЕЕ ОСОБЕННОСТИ В ЭКОНОМИКЕ РЕГИОНА

***Холматова Дилоромджон Алиевна,*** *преподаватель кафедры бухгалтерского учёта и аудита ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# THE THEORY OF IMPORT SUBSTITUTION AND ITS FEATURES IN THE REGIONAL ECONOMY

***Kholmatova Diloromjon Alievna,*** *Lecturer of the Department of Accounting, SEI «KhSU named after Acad. B.Gafurov» auditing (Tajikistan, Khudjand),*
***E-mail:*** *dilya.0609@bk.ru*

***Калидвожаҳо:*** *воридотивазкунӣ, иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти миллӣ, молҳои воридотӣ, молҳои ватанӣ, стратегияи воридотивазкунӣ.*

*Дар мақола асосҳои назариявии стратегияи воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти минтақа баррасӣ мешавад. Назарияи воридотивазкунӣ, ки яке аз стратегияҳои сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ба паст кардани вобастагии молу хизматрасониҳои хориҷӣ тавассути рушди истеҳсолоти ватанӣ ва воридотивазкунӣ нигаронида шудааст. Дар ин замина, хусусиятҳои минтақавии татбиқи назарияи мазкур муҳим мегардад, зеро минтақаҳои гуногун метавонанд сатҳи гуногуни потенсиали саноатӣ, дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, инчунин эҳтиёҷоту талаботи махсуси бозори маҳаллӣ, дошта бошанд.*

***Ключевые слова:*** *импортозамещение, региональная экономика, национальная экономика, импортные товары, отечественные товары, стратегия импортозамещения.*

*В статье рассматриваются теоретические основы стратегии импортозамещения в экономике региона. Теория импортозамещения, рассматриваемая как одна из стратегий экономической политики, направлена на сокращение зависимости от иностранных товаров и услуг путем развития отечественного производства и замещения импорта. В данном контексте важное значение приобретают региональные особенности применения этой теории, поскольку различные регионы могут иметь различный уровень промышленного потенциала, доступ к природным ресурсам, а также специфические потребности и запросы местного рынка.*

***Keywords:*** *import substitution, regional economy, national economy, imported goods, domestic goods, import substitution strategy.*

*The article dwells on the theoretical foundations of the import substitution strategy in the regional economy. The import substitution theory, considered one of the economic policy strategies, is aimed at reducing dependence on foreign goods and services by developing domestic production and import substitution. In this context, regional features of applying this theory are of great importance, since different regions may have different levels of industrial potential, access to natural resources, and specific needs and demands of the local market.*

Эълон намудани саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ ҳамчун стратегияи чоруми миллӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба татбиқи раванди воридотивазкунӣ дар кишвар такони мусбат бахшид. Дар ин васила истифодабарии унсурҳои стратегияи воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он рӯ ба густариш ниҳод. Фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ бахри амалишавии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ ногузир бо татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар ҳама сатҳҳои хоҷагидорӣ алоқамандии зич пайдо намуд. Дар ин ҷода муайян намудани ҳадафҳои самараноки татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаҳо муҳиммияти худро афзун намуда, зарурати таҳқиқи таъсиррасонии онро ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муқаррар намудани имкониятҳои мавҷуд бударо барои ин раванд ба миён овард.

Бо дарназардошти дигаргуниҳои солҳои охир барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва, махсусан, минтақаҳои он зарурати муқаррар намудани ҳадафҳои коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва амалӣ намудани стратегияи воридотивазкунанда афзалияти аввалиндараҷа пайдо намуд.

Дар ин росто муайян намудани табиати воридотивазкунӣ муҳим ба ҳисоб меравад, зеро бе дарки муфассали моҳияти он татбиқи ин стратегия имконнопазир мебошад. Оид ба муайянкунии табиати воридотивазкунӣ як қатор муносибатҳоро ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз ин муносибатҳо воридотивазкуниро ҳамчун раванди танзимкунии маҳдуд муқаррар мекунад, ки дар натиҷаи он коҳишёбии вазни қиёсӣ ва ивазшавии зина ба зинаи маҳсулоти воридотӣ бо маҳсулоти ватанӣ ба назар мерасад [10, с.138].

Дигар муносибат табиати воридотивазкуниро дар сифати намуди муайяни сиёсати иқтисодии давлат мушоҳида менамояд, ки барои иваз намудани молҳои воридотӣ бо молҳои ватанӣ равона карда шуда, ба воситаи ҷорӣ намудани квотаҳо ва тарифҳо бо мақсади таъмини мустақилияти иқтисодӣ ва инкишофи истеҳсолоти дохилӣ амалӣ карда мешавад [7, с.294].

Гурӯҳи дигари иқтисоддонон воридотивазкуниро тарзи ҳамроҳшавии иқтисодиёти мамлакат ба низоми алоқаҳои байналмилалӣ ба воситаи инкишофи бозори дохилӣ ҳисоб мекунанд.

Чунонки мушоҳида кардан мумкин аст, дар ҳамаи таърифҳои мазкур ибораҳои калидӣ ин иваз намудани маҳсулоти воридотӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва коҳишёбии ҳаҷми воридот аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ мебошад.

Ҷиҳатҳои мусбати татбиқи воридотивазкуниро чунин ифода намудан мумкин аст:

- нигоҳдории арзиши иловашуда дар иқтисодиёти миллӣ (агар маҳсулот ворид карда шавад, арзиши иловашуда коҳиш меёбад);
- афзоиши истеҳсолоти дохилӣ имкон медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, равандҳо тайёркунии кадрҳои зарурӣ такмил ёбад;
- истеҳсоли маҳсулоти нав дар доираи корхонаҳои фаъолиятбаранда;
- воридотивазкунӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир асос меёбад, ба дигаргуниҳои сохторӣ мусоидат менамояд;
- истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда одатан нисбат ба маҳсулоти воридотӣ бо нархҳои пастар ба фурӯш мераванд, зеро онҳо аз боҷҳои гуногуни гумрукӣ озод буда, дар аксар вақт бо имтиёзҳои андозӣ дастгирӣ карда мешаванд;
- истеҳсолкунандагони ватанӣ талабот ва хоҳишҳои истеъмолкунандаи маҳаллиро (хислатҳои миллӣ, фарҳангӣ, урфу одат ва ғайраро) нисбат ба истеҳсолкунандагони беруна беҳтару хубтар медонанд;
- воридотивазкунӣ ба таъмини дастрасии маҳсулоти зарурӣ нигаронида мешавад, то ки занҷираи технологии истеҳсолӣ вайрон нашавад ва маҳсулоти воридотивазшаванда муттасил истеҳсол карда шавад.

Аз нуқтаи назари методологӣ дар адабиёти иқтисодӣ се шарҳи табиати воридотивазкунӣ пешниҳод шудааст. Дар аввал, воридотивазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, дуюм, воридотивазкунӣ ҳамчун раванди иқтисодӣ, сеюм воридотивазкунӣ ҳамчун сиёсати иқтисодӣ [6, с. 44-50].

Воридотивазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ низоми муносибатҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки барои иваз намудани молҳои воридотиро баҳри ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва дигаргуниҳои сохторӣ бо дарназардошти инкишофи тақсимоти байналмилалии меҳнат ва принсипҳои рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодӣ дар назар дорад.

Воридотивазкунӣ ҳамчун раванди иқтисодӣ, ҷараёни объективонаи афзоиши истеҳсолот, истеъмолот ва содироти минбаъдаи молҳо ва хизматҳои ватаниро дар ҳолати коҳишёбии истеъмоли молҳои воридотӣ ифода менамояд, ки бо сатҳи баландтари рақобатнокӣ ва самаранокии иқтисодӣ нисбат ба молҳои воридотӣ тавсиф карда мешавад.

Воридотивазкунӣ ҳамчун сиёсати иқтисодии давлатӣ маҷмуи чораҳоро доир ба татбиқ ва оптимизатсиякунонии ҳаҷми воридоти молҳо ба воситаи ҳавасмандгардонии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва танзими воридот ба воситаи истифодаи фишангҳои протексионизм дар назар дорад.

Бояд қайд намуд, ки ин се шакли методологии шарҳу тафсири воридотивазкунӣ аз нуқтаи назариявӣ дуруст буда, табиати назариявӣ-методологии воридотивазкуниро дар бар мегирад. Лекин дар шароити муосир, ҳангоми афзоиш ёфтани нақши минтақаҳо дар таъмини рушди иқтисодии мамлакат, чунин муносибатро оид ба шарҳу тафсири воридотивазкунӣ пурра намудан мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин ҷода дар аввал стратегияи воридотивазкуниро маънидод кардан зарур аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар корҳои илмии баъзе аз олимони иқтисоддон стратегияи воридотивазкунӣ бо сиёсати саноатӣ омезиш карда мешаванд.

Масалан, Бодрунов С.Д. қайд менамояд, ки «воридотивазкунӣ намуди стратегияи иқтисодӣ ва сиёсати саноатии давлат ва субъектони хоҷагидориро ифода менамояд, ки барои ҳифзи истеҳсолкунандаи дохилӣ ба воситаи иваз намудани молҳо ва технологияи саноатии воридотӣ равона карда шуда, ҳадафи он баланд намудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ аз ҳисоби ҳавасмандгардонии таҷдиди истеҳсолот, баланд намудани самаранокии он ва аз худ намудани намудҳои нави маҳсулот бо арзиши баланди иловашуда мебошад» [4, с.3].

Чунин маънидодкунии васеи воридотивазкунии Бодрунов С.Д. имкон дод, ки як қатор ҳадафҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ муқаррар карда шавад.

Махсусан, баланд намудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ. Дар ин росто, қайд кардан зарур аст, ки воридотивазкунӣ бо ду тарз амалӣ карда шуданаш мумкин аст: мустақим ва ғайримустақим. Воридотивазкунии мустақим ташкили истеҳсолоти ватаниро бар ивази маҳсулоти воридотӣ дар назар дорад. Воридотивазкунии ғайримустақим бошад, коҳиш додани воридот ва истеъмоли маҳсулоти воридотиро аз ҳисоби сарфакории захиравӣ ва ҷорӣ намудани техника ва технологияи навро дар назар дорад [4, с.3]. Таҳлили адабиёти иқтисодӣ собит менамояд, ки дар баъзе таҳқиқотҳо воридотивазкунӣ ҳамчун чараёни пайдарпайи коҳишдиҳии ашё ва масолеҳи воридотиро дар назар дорад [7, с.103-115], ки дар чунин муносибат диққати асосӣ ба воридотивазкунии маҳсулотҳои истеҳсолӣ дар шароити вобастагии соҳаҳо аз воридоти ашё ва масолеҳ зоҳир карда мешавад.Боз як гурӯҳи муҳаққиқон воридотивазкуниро аз нуқтаи назари сиёсати иқтисодии давлат мушоҳида менамоянд. Ба ақидаи онҳо «воридотивазкунӣ – ин сиёсати давлат мебошад, ки барои ҳимояи истеҳсолкунандаи дохилӣ ба воситаи иваз намудани молҳои воридотӣ бо молҳои ватанӣ равона карда шудааст.

Сиёсати воридотивазкунӣ баланд намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, аз худ намудани намудҳои нави маҳсулот, таҷдиди истеҳсолот, инкишофи техникӣ ва технологӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва баланд намудани самаранокии онҳоро дар назар дошта, гузаришро аз истеҳсоли молҳои одӣ ба истеҳсоли маҳсулот бо арзиши баланди иловашуда таъмин менамояд [7, с.11].

Чунин муносибат ба табиати воридотивазкунӣ равандҳои татбиқи онро вобаста аз ҳадафҳои муқаррargardида баён менамояд, ки ба фикри мо барои дарки васеи сиёсати воридотивазкунӣ имкон фароҳам меоварад.Дар таҳқиқотҳои Бадалова А.Г. воридотивазкунӣ бо дарназардошти намудҳои он маънидод карда шудаанд. Алалхусус, ин муаллиф чунин қайд мекунад, ки «воридотивазкунӣ иваз намудани молҳои воридотиро бо маҳсулоти дар дохили кишвар истеҳсол карда шуда дар назар дошта, дар се намуд мушоҳида карда мешавад: 1) воридотивазкунии таҷҳизоти технологӣ барои истеҳсолоти минбаъдаи мол ва хизматҳо; 2) воридотивазкунии ашёи хом, масолеҳ, маҳсулоти нимтайёр ва олоти зарурӣ, ки барои истеҳсоли мол ва хизматҳо зарур мебошанд; 3) воридотивазкунии маҳсулоти тайёр бо дарназардошти рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилӣ [2, с.47]. Маънидодкунии воридотивазкунӣ бо дарназардошти чунин намудҳо дар ҳақиқат табиати мафҳуми мазкурро васеътар кушода медиҳад.

Бинобар ҳамин, ба ақидаи мо, табиати воридотивазкуниро бо дарназардошти намудҳои он баррасӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар таҳқиқоти Назарчук Е.Н. воридотивазкунӣ ҳамчун «афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ дар ҳолати коҳишёбии истеъмоли молҳои воридотӣ (танҳо барои он молҳое, ки нисбати онҳо чунин ивазкунӣ имконпазир аст ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш аст)» маънидод шудааст. Бо баробари ин, ба ақидаи ин муаллиф «маҳсулоти воридотивазкунанда – ин маҳсулоти молистеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад, ки дар бозори дохилӣ молҳои воридотиро ба шарофати хусусиятҳои истеъмолии худ коҳиш медиҳад» [9, с.9].

Дар ин васила Назарчук Е.Н. таснифоти воридотивазкуниро аз рӯи чунин хислатҳо пешниҳод мекунад: сатҳи амалигардонӣ (макросатҳ, мезосатҳ ва микросатҳ).Муҳаққиқи ватанӣ Алиджанов Д.А. хусусият ва шаклҳои зоҳиргардии воридотивазкуниро муайян намуда, чунин қайд мекунад: «воридотивазкунӣ ҳамчун стратегияи тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ташкили истеҳсоли молҳои воридотиро дар назар дорад, ки дар натиҷа ба коҳишёбӣ ва ё пурра аз байн рафтани воридоти чунин молҳо оварда мерасонад. Аз рӯи сатҳи коҳишдиҳии воридоти молҳо аз бозори дохилӣ, воридотивазкунӣ метавонад қисмӣ ва ё

пурра бошад. Аз рӯи сатҳи истифодабарии захираҳои истеҳсолии дохилӣ ва хориҷӣ дар раванди ташкили истеҳсолоти воридотивазкунанда ҷудо намудани воридотивазкунии сатҳи якум ва сатҳи дуюм мувофиқи мақсад мебошад. Аз рӯи хислати соҳавӣ, воридотивазкунӣ метавонад, саноатӣ, кишоварзӣ ва ё комплексӣ бошад» [10, с.38-41]. Лозим ба қайд аст, ки чунин муносибат ба шаклҳои зоҳиргардии воридотивазкунӣ аз ҷиҳати методологӣ имкон медиҳад, ки кадом тарзи воридотивазкунӣ дар шароитҳои гуногуни тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарур аст.Аз мулоҳизаҳои мазкур, муайян мегардад, ки татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар шароитҳои гуногун метавонад се самти амалигардониро дар бар гирад, ки бо хусусиятҳои танзим ва ташкил фарқ мекунанд.

Самти якум, бо воридотивазкунии гурӯҳи молҳо алоқаманд аст, ки қисми муайяни онҳо дар дохили кишвар бо ҳаҷми нокифоя истеҳсол карда мешаванд.

Барои ин самт, пеш аз ҳама, таҷдиди истеҳсолоти мавҷуда зарур аст, ки барои афзоиш додани ҳаҷми барориши маҳсулот равона карда мешавад.

Самти дуюми воридотивазкунӣ он молҳоро дар бар мегирад, ки ҳоло дар доихили мамлакат истеҳсол карда нашуда, лекин барои ташкили истеҳсоли онҳо шароитҳои муосид фароҳам оварда шудааст. Дар ин ҳолат ташкили корхонаҳои нави воридотивазкунанда мувофиқи мақсад мебошанд.

Самти сеюм, барои молҳо тааллуқ дорад, ки аз сабаби ғайрисамаранок будани истеҳсолот дар дохили кишвар истеҳсол карда намешаванд. Дар чунин ҳолат чораҳои ҳавасмандгардонии ташкили истеҳсоли чунин молҳо ба воситаи дастигирии давлатӣ ва истифодабарии механизмҳои протексионистӣ зарур арзёбӣ карда мешаванд.

Муқаррар намудани самтҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ҳавасмандгардонии тараққиёти соҳаҳои гуногун ва иқтисодиёти минтақавиро тақозо менамояд. Зеро ташкили истеҳсолоти молҳои воридотивазкунӣ бевосита дастгирии давлатро дар сатҳи соҳаҳо, минтақаҳо ва маҷмуан, дар иқтисодиёти миллӣ дар назар дорад.

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки самт ва ҳадафҳои стратегияи воридотивазкуниро дар сатҳои макроиқтисод, мезоиқтисод ва микроиқтисод муайян намоем. Бинобар ҳамин, дар ҷадвали 1 ҳадафҳо ва афзалиятҳои воридотивазкунӣ вобаста ба сатҳҳои хоҷагидорӣ муқаррар карда шудаанд.

***Ҷадвали 1. - Ҳадафҳо ва афзалиятҳои воридотивазкунӣ дар сатҳи макроиқтисод, мезоиқтисод ва микроиқтисод***

| Ҳадафҳои воридотивазкунӣ | Афзалиятҳои макроиқтисодӣ | Афзалиятҳои мезоиқтисодӣ | Афзалиятҳои микроиқтисодӣ |
|---|---|---|---|
| **Технологӣ** | Стратегияи воридотивазкунӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд | Стратегияи воридотивазкунӣ ҳамчун фишанги ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар ҳудуди иқтисодиёти минтақавӣ | Ташкили истеҳсолоти молҳои воридотивазкунанда бо дарназардошти талаботи бозорӣ ва эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон |
| **Сиёсӣ** | Воридотивазкунӣ ҳамчун унсури мустақилияти иқтисодӣ | Воридотивазкунӣ ҳамчун механизми ҳамгироии иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида | Воридотивазкунанда ҳамчун фишанги коҳиш додани муҳоҷират ва мустаҳкамгардонии фаъолияти хоҷагидории воҳидҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Иҷтимоӣ** | Воридотивазкунӣ ҳамчун тарзи густариши шуғли аҳолӣ ва омили афзоиши даромаднокии шаҳрвандон | Воридотивазкунӣ ҳамчун тарзи сохтори низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, ки ба эҳтиёҷоти ҷамъият нигаронида шудааст. | Воридотивазкунӣ ҳамчун омили афзоиши музди меҳнат ва ташкили шароитҳои хуби меҳнатӣ |
| **Иқтисодӣ** | Воридотивазкунӣ ҳамчун асоси табиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат | Воридотивазкунӣ ҳамчун механизми фаъолгардонии иқтидори рушди иқтисодиёти минтақавӣ | Истеҳсоли арзиши изофа ва ба даст овардани фоидаи барзиёдӣ, фарогирии бозори дохилии мол ва хизматҳо |

***Таҳияи муаллиф.***

Чунонки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мешавад, ҳадафҳои воридотивазкунӣ дар сатҳҳои макроиқтисод, мезоиқтисод ва микроиқтисод афзалиятҳои худро доранд. Бояд қайд намуд, ки афзалиятҳои номбурда дар сатҳҳои гуногунии фаъолияти хоҷагидорӣ бо ҳамдигар алоқаманд буда, дар ҳамзистӣ ва вобастагии муттасил қарор доранд.

Вобаста ба ҳадаф ва афзалиятҳои воридотивазкунӣ дар сатҳҳои гуногун қайд намудан зарур аст, ки сиёсати воридотивазкунӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ татбиқ карда шуда, стратегияи воридотивазкунанда роҳҳои амалигардонии сиёсати давлатиро дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳо дар назар дошта, раванди воридотивазкунӣ бошад дар стаҳи соҳаҳо ва ё корхонаҳо амалӣ карда мешавад. Таҳлилҳо собит менамояд, ки воридотивазкунӣ аз сатҳи корхонаҳо оғоз ёфта, дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ ташаккул меёбад ва ба сиёсати воридотивазкунии иқтисодиёти миллӣ мубаддал мегардад. Мантиқи ин гуфтаҳо аз он иборат мебошад, ки ҳангоми песа гирифтани стратегияи воридотивазкунӣ имкониятҳои корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ба инобат гирифта шуданаш лозим арзёбӣ карда мешавад.

Бе дарназардошти иқтидори корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо самаранокии стратегияи воридотивазкуниро таъмин намудан имконнопазир мегардад. Дар навбати худ, татбиқи бомуваффақияти стратегияи воридотивазкунӣ дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ аз раванди идоракунӣ вобастагии ногузир дорад, ки бо истифодабарии ҳадди аксари имкониятҳо, иқтидорҳо ва захираҳои минтақаҳо алоқаманд мебошад.




***Расми 1. Механизми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ*** *(таҳияи муаллиф)*

Механизми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ дар расми 1 нишон дода шудааст.

Чи тавре ки аз расми 1 мушоҳида кардан мумкин аст, механизми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ аз идоракунии давлатии он суръат мегирад. Дар ин радиф муайян намудани иқтидори иқтисодиёти минтақавӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои воридотивазкунӣ муҳим арзёбӣ карда шуда, имконият медиҳад, ки қобилияти минтақаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда боҳо дода шавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки албатта барои таъмини пурраи воридотивазкунӣ танҳо имкониятҳои як минтақа басанда нест,

бинобар ҳамин, таҳлили иқтидори ҳар минтақа ҳангоми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ нақши муассир дорад.

Татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ на танҳо ба амалигардонии лоиҳаҳои нави истеҳсолӣ, инчунин барои таъмини бозори дохилӣ бо чунин маҳсулот равона карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки таъмини муваффақонаи воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ, пеш аз ҳама, бо рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда алоқамандӣ дорад. Дар ин росто дар навбати аввал бояд рақобатпазирӣ аз рӯи унсури нархӣ таъмин карда шавад. Чунин ҳадафи воридотивазкунӣ бевосита бо амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии истеҳсолкунандагони молҳои воридотивазкунанда таъмин карда мешавад. Давлат ба воситаи сиёсати беруниқтисодии худ барои корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳои таъминкунандаи воридотивазкунӣ метавонад фишангҳои тарифӣ ва ғайритарифиро васеъ истифода барад. Чораҳои давлатӣ, ки барои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар минтақаҳо мусоидат менамояд, пеш аз ҳама, истифодабарии фишангҳои механизми протексионизми селективӣ, квотакунонии воридоти маҳсулот, ки нисбати он воридотивазкунӣ татбиқ карда мешавад, танзими тарифӣ-гумрукии ҳаҷми воридот ва, дар ниҳоят, бартарафсозии вобастагӣ аз воридоти молҳои инвеститсионӣ (ашёи хом, масолеҳ ва ғайраҳо) ва густариш додани истеҳсолоти маҳсулоти ниҳоӣ. Дар ин ҷода корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо аз имтиёзҳои давлатии дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ҳаматарафа бояд истифода баранд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи назарияи воридотивазкунӣ ва хусусиятҳои татбиқи он дар иқтисодиёти минтақавӣ имкон медиҳад, қайд намоем, ки натиҷаи мусбат аз истифодабарии стратегияи мазкур танҳо дар шароите дастрас карда мешавад, ки ҳангоми он ҳамоҳангсозии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, соҳаҳо, иқтисодиёти минтақавӣ бо муқаррароти идоракунии марказӣ таъмин карда мешавад.

## АДАБИЁТ:


1. Алиджанов, Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикистан/ Д. Алиджанов. – Худжанд: Нури маърифат, 2021. – 368,С.38-41.
2. Бадалова, А.Г. Риски импортозамещения: виды, проблемы оценки и особенности управления/ А. Бадалова //Имущественные отношения в РФ. 2017. №7 (190). С. 47.
3. Березинская, О.Б.Производственная зависимость российской промышленности от импорта и механизм стратегического импортозамещения / О.Б. Березинская, А.Л. Ведев//Вопросы экономики. 2015. №1. С. 103-115.
4. Бодрунов, С.Д. Теория и практика импортозамещения: уроки и проблемы/ монография/А. Бодрунов /СПб. ИНИР им. С.Ю. Витте,2015. – 171 с.
5. Ван дер Вее Г. История мировой экономики. 1945-1980. М.: Наука, 1994.
6. Зарянкин, В.В. Роль импортозамещения в системе международных торговых отношений/В.В. Зарянкин.//Беларусь и мировые экономические процессы: сборник научных статей. Выпуск 7. Минск, 2010. С. 44-50. [Маводи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ: http://elib.bsu.by/handle/123456789/5456
7. Лозовский, Л.Ш. Универсальный бизнес-словарь/Л.Ш.Лозовский, Б.А.Райзберг,А.А. Ратновский.-М.: ИНФРА-М, 1997.- с. 294.
8. Морозова, Н.В. Особенности политики импортозамещения в современных условиях/Н.В.Морозова, И.А.Васильева, А.И.Горбунова//Oeconomia et Jus. 2016.- №1.- С. 11.
9. Назарчук, Е.Н. Теоретические и методические основы эффективного импортозамещения на российских промышленных предприятиях. Автореферат на соискание ученой степени к.э.н. Самара – 2007.- С. 9.
10. Румянцева, Е.Г. Новая экономическая энциклопедия/Е.Г.Румянцева.-М.:ИНФРА-М, 2005.- С.138.


## REFERENCES:


1. Alidzhanov D.A. Import-substituting economic growth in modern conditions of the Republic of Tajikistan - Khujand,: Nuri marifat, 2021. - 368 p.
2. Badalova A. G. Risks of import substitution: types, problems of assessment and management features // Property relations in the Russian Federation. 2017. No. 7 (190). P. 47.
3. Berezinskaya O.B., Vedev A.L. Production dependence of Russian industry on imports and the mechanism of strategic import substitution. // Economic Issues. 2015. No. 1. P. 103-115.

4. Bodrunov S.D. Theory and practice of import substitution: lessons and problems /monograph /St. Petersburg. INIR them. S.Yu. Witte, 2015. – 171 p.
5. Van der Wee G. History of the world economy. 1945-1980.- M.: Nauka, 1994.
6. Zaryankin V.V. The role of import substitution in the system of international trade relations. //Belarus and world economic processes: a collection of scientific articles. Issue 7. Minsk, 2010. P. 44-50. [Electronic version] Access mode: http://elib.bsu.by/handle/123456789/5456
7. Lozovsky L.Sh., Raizberg B.A., Ratnovsky A.A. Universal business dictionary. M.: INFRA-M, 1997. P. 294.
8. Morozova N.V., Vasilyeva I.A., Gorbunova A.I. Features of the import substitution policy in modern conditions // Oeconomia et Jus. 2016. No. 1. P. 11.
9. Nazarchuk. E.N. Theoretical and methodological foundations of effective import substitution at Russian industrial enterprises. Abstract for the academic degree of Ph.D. Samara - 2007. P. 9.
10. Rumyantseva E.G. New Economic Encyclopedia. M.: INFRA-M, 2005. P. 138.